# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати миллии таҳсилот икдомҳои навро амалӣ карда истодааст, ки ин таҳаввулот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эҳсос карда мешавад. Дар ин самт, яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккул додани неруи зеҳнӣ ва дар ин замина сайқал додани қобилиятҳои эҷодии онҳо мебошад. Албатта, яке аз роҳҳои самараноки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ташаккул додани муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мебошад. Маҳз, масъалаҳои фавқузикр дар диссертатсияи унвонҷӯ Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна мавриди омӯзиш ва таҳкиқ қарор дода шудааст.

Муҳақиқ зимни таҳқиқи масъалаи мазкур ба таҳқиқоти анҷомдодаи олимони соҳаи педагогика, психология такя намуда, дар ин зимн нуқтаи назари хешро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, унвонҷӯ иброз медорад, ки гарчанде дар илми педагогикаи ватанӣ миқдори муайяни таҳқиқот оид ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, техника ва технологияи муосир бо дарназардошти инкишофи неруи зеҳнии хонандагон анҷомдода шуда бошад ҳам, дар илми педогогикаи ватанӣ назарияи ягона ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир вуҷуд надорад.

Унвонҷӯ асоснокӣ ва саҳеҳияти ҳар як пешниҳоди худро дар ҷорӣ намудани ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир бо далелҳо ва гузаронидани таҷриба ва озмоишҳо асоснок намудааст, ки аз исботи фарзияи пешниҳодшуда гувоҳӣ медиҳанд.

Мукаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо дидгоҳи назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масоили гузошташуда ва мавзуъ якхела буда, инкишофи неруи зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни таълим бо дарназардошти муносибати

мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир таъмин намудаанд.

Мазмуни автореферат, маводи нашршудаи муаллифи диссертатсия ба мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия мувофиқат менамояд. Диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» таҳқиқоти илмии мустақилон анҷомдода ба ҳисоб рафта, он ба талаблти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи педагогика ва психологияи
Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Точикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 904 40 66 90;
E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Тағоев Н.Ш.